## ТАҚРИЗ

**ба рисолаи номзадии Сатторов Амирҳамза Баҳодурович дар мавзӯи “Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷӯи Кирмонӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик. Душанбе, 2021.- 187 саҳ.**

Яке аз сарчашмаҳои муҳимтарини ташаккул ва такомули адабиёти ҳазорсолаи форсии тоҷикӣ китоби муқаддаси “Қуръони маҷид” ва ҳадисҳои набавӣ маҳсуб гардида, он дар тӯли таърих дар осори илмӣ, бадеӣ ва таърихи ниёкон таъсири худро пайдо намудааст. Ин таъсирпазирӣ ба дараҷае дар фарҳангу адаби гузаштаи ниёгони мо роҳ ёфт, ки ягон шоиреро пайдо кардан наметавон, ки аз арзишҳои исломӣ ва аҳодиси пайғамбар баҳравар нашуда бошад. Ба назари мо, дар ин раванд ғайр аз таъсири бевоситаи китоби муқаддаси “Қуръон” ва ҳадисҳои расули акрам, ҳамзамон тафсирҳои ин маъхазҳҳои бузургро сарфи назар набояд кард. Дар навбати худ ҳама девону достонҳое, ки дар асоси сарчашмаҳои исломӣ тадвину таҳия шудаанд, аз як ҷиҳат аз таъсирпазирии аз ин манбаъҳо бозгӯйӣ намоянд, аз ҷониби дигар як усули сода ва оммафаҳм намудани тафсири “Қуръони маҷид” ва ҳадисҳои расули акрам маҳсуб мешаванд. Таҳқиқ ва баррасии таъсироти ин сарчашмаҳои муътабар ба адабиёти форсии тоҷикӣ яке аз масоили муҳимтарини илми адабиётшиносии муосир маҳсуб гардида, солҳои зиёдест дар пажуҳишҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба назар мерасад. Дар аксари ин пажуҳишҳо масъалаи мавриди назар танҳо муайян кардаи таъсири оёту аҳодис иборат буда, таҳлилу баррасии онҳо аз назари улуми адабӣ ва муайян намудани ихтилофу гуногуннназарии муфассирон ҳанӯз ба таври бояду шояд сурат нагирифтааст. Ҳатто дар китоби муҳаққиқи эронӣ доктор Алӣ Асғари Ҳалабӣ “Таъсири “Қуръон” ва ҳадис дар адабиёти форсӣ” ин таъсиротро аз Рӯдакӣ то Ҳофизи Шерозӣ хеле маҳдуд, яъне то се сада мавриди баррасӣ қарор дода, дигар шоиронро шояд дар таъсироти ин суханварон дониста, таҳқиқи онҳоро сарфи назар намудааст. Вале аз таълифи ин тадқиқот (1377\1958) зиёда аз 60 сол сипарӣ шудааст ва дар замони Истиқлол имконияти мусоиди муроҷиат ба манбаъҳои муҳимтари илмию адабӣ фаро расидааст. Аз ин нуқтаи назар, тадқиқоти мазкур, ки дар асоси эҷодиёти Хоҷуи Кирмонӣ тадвин шудааст, муҳим ва зарур мебошад. Зеро он шинохте, ки дар даврони пештар нисбати ин масъала доштем, имрӯз дар партави арзишҳои худшиносии миллию фарҳангӣ биниши тоза ва диди воқеитареро тақозо дорад. Муҳаққиқи тадқиқоти

мазкур аз ҳамин нуктаи назар муҳимоти мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқоти худро муайян намуда, ба хулоса меояд, ки “... ҳалли ҳамаҷонибаи мавзӯъ имкон фароҳам меоварад, ки ашъори шоир ба дурустӣ шинохта шавад ва мақоми ӯ дар адабиёти форсии тоҷикӣ таъйин гардад”(саҳ. 3). Ҳамзамон дараҷаи омӯзиши мавзӯъ нишон медиҳад, ки нисбати Хоҷуи Кирмонӣ ва таъсирпазирии ӯ аз манбаъҳои исломӣ ҳанӯз дар шакли тадқиқоти алоҳида дар ҳавзаҳои илмии Эрон, Тоҷикистон, Афғонистон, Аврупо ва Русия ба вуҷуд наомадааст ва муроҷиати муҳаққиқ ба ин масъала боиси таъкид ва эътибор аст.

Дар рисолаи мавриди назар бори нахуст дар бораи ҷойгоҳи оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, масъалаи корбурд ва истифодаи истилоҳоти қуръонӣ, тафсири баъзк нукоти ин китоби муқаддас, баҳрабардорӣ аз мазмунҳои Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ, тарзу услуби баёни шоир дар ин масъала ва хусусиятҳои бадеии ашъори шоир дар корбурди мазмунҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ҳунари шоир ва сабки сухани ӯ дар шарҳу тафсири оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ ба таври густурда дар бобҳои рисола нишон дода шудааст. Дар баробари ин, дараҷаи истифодаи истилоҳоти қуръонию ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти шоир ва тафовути тарзи нигориши ӯ нисбат ба дигар шоирони форсии тоҷик мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Рисолаи мазкур “Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ” унвон дошта, аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва китобнома иборат аст. Муқаддимаи рисола тибқи муқаррароти расмӣ таҳия шуда, дар он муҳимоти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот, нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад ва ғайра асоснок карда шудааст.

Боби якуми рисола “Таъсипазирии Хоҷу аз оятҳои қуръонӣ” унвон дошта, дар он масъалаҳои корбурди нукоти қуръонӣ , талмеҳоти қуръонӣ, корбурди калима ва таркибҳои қуръонӣ ва тамҳидия дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ мавриди баррасии густурда қарор дода шудааст.

Хоҷу ҳамчун як нафар шоири орифи замони хеш пеш аз ҳама анъанаи пешиниёни худ оид ба дар шеъри худ аз мазмун ва оятҳои қуръонӣ истифода кардааст, ки ин гувоҳ бар он аст, ки ӯ аз Қуръон хеле хуб бархӯрдор буда, дар баҳрабардорӣ аз ин сарчашмаи бузург як равияи ба худ хосро ба вучуд овардааст. Муҳаққиқ ба чунин натиҷа мерасад, ки таъсири оятҳои қуръонӣ асосан дар он ғазалиёти Хоҷу ба назар мерасад, ки онҳо дорои вижагиҳои ирфонӣ ва тасвири ишқи ҳақиқиро доранд. Ин

нуктаи хеле муҳими илмӣ, натиҷаи мушоҳидаи амиқ ва муҳими муҳаққиқ буда, бо тафсилоти бештар дар рисола таҳқиқ шудааст.

Хоҷу таркибҳои зиёди қуръонӣ ба мисли «равзаи хулд», «равзаи Ризвон», «гулзори Ризвон», инчунин, таркибҳои тақрирӣ, мисли «аласту бираббикум», «ҷоми аласт», «шароби аласт», «базмгоҳи аласт», «яди байзо», «нун ва қалам» «дор-ус-салом», «шиҳоби соқиб» ва монанди онҳоро хеле моҳирона дар қолаби шеър ғунҷондааст, ки баъдан мавриди истиқболи шоирони дигар қарор гирифтааст. Ин маҳорати шоирии Хоҷу дар ҳама бобҳои рисола дар мисоли эҷодиёти шоирони дигар, ки мавриди истиқбол қарор гирифтааст, хеле равшан ва бо мисолҳои зиёд собит гардидааст.

Муҳаққиқ дар баррасии масоили дар боло зикршуда ба хулосае меояд, ки "...таъсирпазирии шоирони тоҷику форс аз Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ аз асри нуҳ шурӯъ шудааст..." (саҳ.4). Ин нукта хеле муҳим буда, дар мавриди дигар метавонад мавриди мубоҳисаи дигаре гардад, зеро барои собит намудани ин андеша муҳаққиқро мебоист ба ашъори шоирони ҳамзамони Рӯдакӣ амиқтар муроҷиат менамуд. Ҳамзамон ба ашъори шоирони арабизабони форсиасл низ назар карда, таъсири арзишҳои исломиро дар ашъори онҳо санҷида, он вақт ба чунин хулосае омадан ба маврид буд.

Истифодаи таркибҳои қуръонӣ дар ашъори Хоҷу хеле фаровон истифода шудааст, вале муҳаққиқро лозим меомад, ки зарурат, сабаб ва мавқеи муроҷиати шоирро ба ин воҳидҳои забонӣ муайян менамуд, мутаассифона, дар ин маврид муаллифи рисола бо овардани мисолҳо маҳдуд гардидааст. Санъати талмеҳ дар ашъори шоир мақому манзалати хоси худро дорад ва Хоҷуи Кирмонӣ қариб ҳамаи шахсиятҳои диниро, ки дар "Қуръони маҷид" зикр шудаанд, омӯхта мазмунҳои тозаеро ба вуҷуд овардааст. Хоҷу талмеҳоти қуръониро хеле зиёд медонад ва дар асоси воқеоти он маъниҳои нав меофарад ва муҳаққиқро лозим меомад, ки ин таъсирпазириро дар ашъори шоирони дигар дар муқоиса бо ашъори шоир баррасӣ менамуд.

Муҳаққиқ дар бораи Зулқарнайн баҳс меорояд, вале дар маълум намудани шахсияти таърихии он ба хулосаи амиқ намеояд. Дар бораи он ки симои Зулқарнайнро ба баъзе шахсиятҳои таърихии ниёгони мо нисбат медиҳанд, гуфтугӯи зиёде ба назар мерасад ва дар ин бора назари муҳаққиқонро ба эътибор гирифтан ба манфиати пажуҳиш хоҳад буд. Хоҷу дар сурудани таҳмидия суннати пешиниёнро идома ва такмил дода, дар

сабку баён ба эҷодкорию навовариҳо намудааст, ки муҳаққиқ ин масъаларо хеле дақиқ ва равшан таҳқиқ намудааст.

Боби дуюми рисола "Истифодаи Хоҷуи Кирмонӣ аз ҳадисҳои набавӣ" унвон дошта, дар он иқтибос аз аҳодиси набавӣ ва мазмуни ҳадисҳои расули акрам дар ғазалиёти шоир мавриди пажуҳиш қарор додааст. Муҳаққиқ зимни баррасии масоили ин боб ба чунин натиҷа мерасад, ки вобаста ба талаботи имконоти дохилии жанри ғазал баъзе ҳадисҳоро ба таври аслӣ ва дар баъзе ҳолатҳо мазмуни онҳоро мавриди корбурди шоир қарор дода шудааст. Аз мушоҳидаҳои муҳаққиқ чунин бармеояд, ки шоир дар ашъор худ кӯшидааст, ки бештар мазмуни ҳадисҳоро дар қолаби шеър ҷой дода бошад, зеро ин ҳолат ба шоир бештар имконоти ҳунари суханварӣ даст дода, мақсади шоир бештар ва беҳтар намоён мегардад.

Дар истифодаи мазмунҳои ҳадисҳои набавӣ, ки Хоҷу дар ғазалиёти худ истифода ва ишора намудааст, шоир мустақил буда, аз тақлиду пайравиҳои кур-курона худдорӣ мекунад. Аз ҷумла, Хоҷу мазмуни ҳадисҳои набавӣ бо истифода аз санъатҳои бадеӣ дар ғазалиёти худ истифода намуда, арзиши ахлоқию ирфонии онҳоро равшантар ба назар меорад. Ин таҷрибаро дар дигар шоирони ин ҷода камтар мушоҳида кардан мумкин аст.

Боби сеюми рисола "Хусусиятҳои бадеӣ ва мушаххасоти ҳунари Хоҷу дар корбурди нукоти қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ" унвон дошта, дар он ҳунари шоирии Хоҷу дар корбурди арзишҳои исломӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муҳаққиқ дар ин боб ба хулоса меояд, ки корбурди калимаву таркибҳои қуръонӣ, ки дар ашъори аксари шоирони форсу тоҷик дида шавад ҳам, ин суннати адабӣ дар ашъори Хоҷуи Кирмонӣ нисбат ба шоирони дигар бо шеваю равиши тоза ва ҳунармандона ба кор рафта, ба вижагиҳои бадеӣ ва мушаххасоти ҳунари хоси суханварии Хоҷу дар корбурди никоти қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ гаштааст.

Ҳамзамон таъсирпазирӣ аз Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ дар тамоми навъҳои адабии девони шоир мушоҳида мешавад, аммо дар ғазалиёти ӯ мақоми хос касб кардаанд. Муҳаққиқ ба чунин натиҷа меояд, ки нисбати шеърҳои маъмулӣ дар баҳрабардорӣ аз Қуръон ва аҳодиси набавӣ ҳунари шоир бештар назаррас аст. Хоҷу ҳаргиз кӯшиши он накамрдааст, ки мазмунҳои қуръонӣ ва ё ҳадиси набавиро чун маводи тайёр ё бидуни ягон коркард истифода намояд, балки ӯ ин ду сарчашмаро шоир ҳамчун воситаи баёни андеша бо истифода аз саноати бадеӣ ба риштаи назм кашида бошад. Хоҷу танҳо баҳрабардорӣ аз каломи Аллоҳ ва ҳадисҳои паёмбар накарда, "балки қуръонпажӯҳу ҳадисшинос ҳам ҳаст", ки ин

фазилати ӯ дар ашъораш таҷассум ёфтаанд. Шоир тавонистааст бо истифода аз калимаву таркибҳо ва мазомунҳои қуръониву ҳадисҳои набавӣ андешаҳои ирфонӣ ва ғояҳои инсондӯстияшро иброз намояд. Аммо он чизе, ки муносибати Хоҷуро бо Қуръон ифода мекунад, ҳамоно таъсири ин китоби муқаддас дар мазмун ва сохтору бунёди дохилии ашъори шоир мебошад. Шоир мазмунҳои қуръониро дар байтҳо ғунҷонда, гоҳе калимаву ибороти ин китоби осмониро устодона ҷой медиҳад, ки он ба вазн ва мазмуни шеър мувофиқ ва муносиб меояд. Пеш аз Хоҷу шоирони дигар аз оятҳои Қуръон ва калимоту таркиботи он истифода кардаанд. Хоҷу дар ин масъала, аз як сӯ, суннати пешиниёнро идома дода бошад, аз сӯйи дигар, дар ин амал навгониҳо дорад ва дорои сабки хосси худ аст. Муҳимтарин хусусияти ин сабк ҳамоно истифода як калима ба чанд маънӣ, ё худ иҳомгароист, ки дар корбурди калимоту таъбироти қуръонӣ низ ба назар мерасад. Ин шеваи сухан, бино ба гуфтаи муҳаққиқон, ибтикори Хоҷу аст, ки шоирони муосири ҷавонаш чун Салмони Соваҷӣ, Носири Бухороӣ ва Ҳофизи Шерозӣ аз ӯ таъсир бардоштаанд ва Ҳофиз ин шеваро ба ҳадди камол расондааст.

Фишурдаи рисола пурра моҳият ва муҳтавои рисоларо ифода карда, ҳама бобу фаслҳои он тибқи муқарраротн расмӣ, аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ муайян шудааст, мураттаб гардидааст. Дар рисола зимни пажуҳиш баъзе камбудиҳо ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати пажӯҳиши мазкур хоҳад шуд.

1. Ба назари мо талмеҳоти қуръонӣ ва таҳмидия баҳси боби сеюми рисола буда, дар ин боб ҷой додани масоили зикршуда мувофиқ намеояд.

2. Муҳаққиқ таъсирпазирии Хоҷу аз Қуръони маҷид ва ҳадисҳои набавиро хеле хуб ва равшан дарёфтааст, вале таъсири Хоҷу ба шоирони баъдина дар рисола пажуҳиши бештареро тақозо дорад.

3. Аз тадқиқоти мазкур чунин бармеояд, ки истифодаи оятҳои қуръонӣ, ривоятҳо ва ҳадисҳои набавӣ дар ашъори тамоми шоирони ин ҷода яксон аст, зеро усули муқоисавии тадқиқ дар рисола камтар истифода шудааст. Агар ин усул истифода мешуд, шояд баъзе норасоӣ ва ғалатфаҳмии шоирони пеш аз Хоҷу дар шинохти шахсиятҳои қуръонӣ маълум мегардид.

4. Нақши Хоҷуи Кирмонӣ дар корбурди оятҳои қуръонӣ, ривоятҳо ва ҳадисҳои набавӣ дар рисола пажуҳиши бештареро тақозо дорад, зеро чунин ба назар мерасад, ки муроҷиати шоирони пешин то

Хоҷу ва баъди он ба ин сарчашмаҳои муҳим яксон буда, дар ин раванд ташаккули фикрӣ ё мазҳабие ба вуҷуд наёмадааст.

5. Муҳаққиқ аз баъзе пажуҳиши солҳои охир дар ин раванд анҷомёфта бехабар аст. Агар муҳаққиқ аз тадқиқоти солҳои охир огоҳӣ пайдо менамуд, баъзе норушанӣ ва суолҳо дар рисола камтар ба мушоҳида мерасид.

Нуқсонҳои ҷузъии ишорашуда ҳеч гоҳ сатҳи илмии рисолаи мазкурро коҳиш намедиҳад ва умедворем, ки аз ҷониби унвонҷӯ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтани онҳо боиси такмил ёфтани сатҳи илмии тадқиқоти анҷомдодашуда хоҳад гашт.

Умедворем, ки ин рисола ба сифати як асари тадқиқотиву таҳқиқӣ дар мавзӯи адабиётшиносӣ барои муҳаққиқини соҳаи адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, назмшиносӣ, исломшиносӣ, сарчашмашиносӣ ва каломи бадеъ судманд ва ҷиҳати боз ҳам дақиқ омӯхтану баррасӣ намудани ин равандҳои адабӣ мусоидат хоҳад кард.

Рисолаи Сатторов Амирҳамза Баҳодурович таҳти унвони "Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ" ҳамчун тадқиқоти анҷомёфта, комилан ба меъёри рисолаи номзадӣ мутобиқат буда, ба талаботи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01- "Адабиёти тоҷик" мебошад.

**Номзади илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи забони тоҷикии**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Одинаев Нурмаҳмад Сафарович**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Карабоев, 63/3.**
**E - mail: odinaievn@mail.ru**
**Сомонаи муассиса: www.tut.tj**
**Тел: (+992) 93-445-33-44; (+992) 2-50-15-35.**
**Факс: (+992-37) 2-34-49-88.**

**Имзои дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ**
**Одинаев Н.С.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикист** **Бухориев Н.А.**

**28.02.2021.**